Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз «___»__________ 20___ сол, № ___
тасдиқ шудааст

# Тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ

Тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ (минбаъд - Тартиб) мутобиқи қисми 5 моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» таҳия гардида, тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳоро ба фондҳои захиравии суғуртавӣ муайян менамояд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дар Тартиби мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- фондҳои захиравии суғуртавӣ – воситаҳои пулие мебошанд, ки аз ҳисоби мукофотҳои (ҳаққҳои) суғуртавӣ борои таъмини иҷрои уҳдадориҳои базимагирита аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ташаккул дода мешаванд.

- услубҳои актуарӣ – услубҳои иқтисодӣ-математикие, ки актуарий ҳангоми ҳисоб намудани захираҳои суғуртавӣ истифода менамояд;

- ҳаққи суғуртавии заминавӣ – ҳаққи суғуртавӣ бо тарҳи подошпулии комиссионӣ барои хизматрасониҳои миёнаравӣ оид ба бастани шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ) ба андозаи на зиёда аз 25,0 фоизи ҳаққи суғуртавӣ ва захираи тадбирҳои пешгирикунӣ ба андозаи на камтар аз 1,0 ва на зиёда аз 3,0 фоизи ҳаққи суғуртавӣ;

- санаи ҳисоб – санаи ҳисоб шудани захираҳои суғуртавӣ;

- ҳаққи суғуртавии бадастнаомада – қисми ҳаққи суғуртавӣ, ки тибқи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) ба давраи амали ҳимояи суғуртавии баъди санаи ҳисоб мансуб аст;

- маблағи софи ҳаққи суғуртавии бадастомада – қисми ҳаққи суғуртавӣ, ки тибқи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) ба давраи сипаришудаи ҳимояи суғуртавӣ мансуб аст;

- даъвои пардохтнашуда – талаботи арзшуда нисбат ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба амалигардонии пардохти ҷуброни суғуртавӣ тибқи шартномаҳои суғуртае (азнавсуғуртакуние), ки оид ба онҳо то санаи ҳисоб пардохти суғуртавӣ амалӣ карда нашудааст ё дар ҳаҷми пурра амалӣ нагардидааст;

- захираи зарарҳои арзшуда вале пардохтнашуда – уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба амалигардонии пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ аз рӯйи ҳодисаҳои суғуртавии рухдода, ки дар бораи рух додани онҳо ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) то санаи ҳисоб мутобиқи шартҳои шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) хабар дода шудааст ва аз рӯйи онҳо пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ амалӣ карда нашудаанд ё дар ҳаҷми пурра амалӣ нагардидаанд;

- захираи зарарҳои бавуҷуднаомада – уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба амалигардонии пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ аз рӯйи ҳодисаҳои суғуртавие, ки дар санаи ҳисоб рух надодаанд, вале метавонанд минбаъд дар давраи амали шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) рух диҳанд;

- захираи зарарҳои бавуҷудомада, вале арзнашуда – уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба амалигардонии пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ аз рӯйи ҳодисаҳои суғуртавии рухдода, ки дар бораи рух додани онҳо ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) то санаи ҳисоб мутобиқи шартҳои шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) хабар дода нашудааст;

- захираи суғуртавӣ аз офатҳои табиӣ – уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба амалигардонии пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ ҳангоми ба амал омадани офатҳои табиӣ;

- ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар захираҳои суғуртавӣ – қисми уҳдадориҳои азнавсуғуртакунанда аз рӯйи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) дар санаи ҳисоб, ба истиснои уҳдадориҳои вобаста ба пардохти подошпулии комиссионӣ ба седент тибқи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ).

2. Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) уҳдадоранд аз рӯзи мавриди амал қарор гирифтани Тартиби мазкур фаъолияти худро ба талаботи он мутобиқ намоянд.

## 2. СОХТОРИ ЗАХИРАҲОИ СУҒУРТАВӢ

3. Захираҳои суғуртавӣ, ки ташаккули онҳо барои ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҳатмист, инҳоро дар бар мегиранд:

1) захираи ҳаққи суғуртавии бадастнаомада (минбаъд – ЗҲСБН) – аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) аз рӯйи шартномаҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар соҳаи «суғуртаи умумӣ» ташаккул дода мешавад;

2) захираи зарарҳои бавуҷуднаомада (минбаъд – ЗЗБН) – аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) аз рӯйи шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ) дар соҳаи «суғуртаи ҳаёт» ташаккул дода мешавад;

3) захираи суғуртавӣ аз офатҳои табиӣ (минбаъд – ЗСОТ) – аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи соҳаи «суғуртаи умумӣ» ташаккул дода мешавад;

4) захираҳои зарарҳо:

- захираи зарарҳои бавуҷудомада, вале арзнашуда (минбаъд – ЗЗБАН);

- захираи зарарҳои арзшуда, вале пардохтнашуда (минбаъд – ЗЗАПН);

5) захираи тадбирҳои пешгирикунанда (минбаъд – ЗТП) барои маблағгузории тадбирҳо оид ба пешгирии ҳолатҳои нохуш, талафёбӣ ё зарар дидани молу мулки суғурташуда истифода бурда мешавад;

6) дигар захираҳои суғуртавӣ (минбаъд – ДЗС)– аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар ҳолати мавҷуд будани хавфҳои иловагӣ аз рӯйи шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ) дар соҳаи «суғуртаи умумӣ» ва «суғуртаи ҳаёт» дар асоси хулосаи дахлдори тартибдодаи актуарий, ба таври ҳатмӣ ташаккул дода мешавад.

4. Захираҳои суғуртавии ташаккулдодашуда барои таъмини иҷрои ухдадориҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) пешбинӣ гардида, бояд дар шакли дороиҳои пардохтпазир тибқи муқаррароти «Тартиби ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)», ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 06 августи соли 2021, №129 тасдиқ шудааст, вуҷуд дошта бошанд. Истифодаи захираҳои суғуртавии ташаккулдодашуда барои дигар мақсадҳо манъ мебошад.

## 3. ТАЛАБОТИ УМУМӢ БА УСЛУБИ ҲИСОБИ ЗАХИРАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5. Ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) барои таъмин намудани иҷрои уҳдадориҳои қабулнамуда аз рӯйи шартномаҳои амалкунандаи суғурта ва азнавсуғуртакунӣ уҳдадор аст, ки захираҳои суғуртавиро ба андозаи дар боби 4 Тартиби мазкур ҳисобкардашуда дошта бошад.

6. Захираҳои суғуртавӣ аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба ҳар як намуди суғурта ташаккул дода мешаванд.

7. Захираҳои суғуртавӣ мутобиқи Тартиби мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси шартҳои шартномаҳои басташудаи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҳисоб карда мешавад.

8. Ҳисоби захираҳои суғуртавӣ бо дарназардошти андозаи уҳдадориҳои базиммагирифтаи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба ҳамаи шартномаҳои басташудаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) новобаста аз азнавсуғуртакунии минбаъдаи хавфҳо ба анҷом расонида мешавад.

9. Ҳангоми ҳисоби захираҳои суғуртавӣ ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар захираҳои суғуртавӣ бо дарназардошти ҳар як намуди захира, ки дар банди 3 Тартиби мазкур нишон дода шудааст, мувофиқи боби 6 Тартиби мазкур дарҷ карда мешавад.

10. Агар дар қонунгузорӣ дар бораи суғуртаи ҳатмӣ мухлати амали ҳимояи суғуртавӣ аниқ муайян карда нашуда бошад, он гоҳ барои ҳисоб мухлати амали шартномаи суғурта (азнавсуғутакунӣ) қабул карда мешавад.

11. Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) доир ба ҳисоби захираҳои суғуртавӣ мувофиқи шаклҳои ҳисоботдиҳии тасдиқнамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ, ҳар семоҳа, на дертар аз санаи понздаҳуми моҳе, ки баъди семоҳаи ҳисоботӣ фаро мерасад, ба мақомоти назорати суғуртавӣ ҳисобот пешниҳод менамоянд.

## 4. СОҲАИ «СУҒУРТАИ УМУМӢ»

### § 1. Захираи ҳаққи суғуртавии бадастнаомада

12. Захираи ҳаққои суғуртавии бадастнаомада (минбаъд –ЗҲСБН) ҳаққи суғуртавии заминавӣ аз рӯйи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) мебошад, ки ба давраи амали ҳимояи суғуртавӣ тибқи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) баъди санаи ҳисоб мансуб аст.

13. ЗҲСБН аз рӯйи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) ба бузургие, ки дар санаи сипаринашудаи ҳисоб мутаносибан ба муҳлати амали ҳимояи суғуртавӣ, ки аз рӯйи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) ҳисоб карда мешавад, баробар аст. (Бузургие, ки дар санаи сипаришудаи ҳисоб мутаносибан ба муҳлати амали ҳимояи суғуртавӣ аз рӯйи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) ҳисоб карда шудааст, маблағи софи ҳаққи суғуртавии бадастомада ба ҳисоб меравад). Ҳаққи суғуртавии бадастнаомада ҳамчун ҳосили зарби ҳаққи суғуртавии заминавӣ дар санаи ҳисоби муҳлати сипаринашудаи амали ҳимояи суғуртавӣ нисбат ба тамоми муҳлати амали ҳимояи суғуртавӣ тибқи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$ЗҲСБН = ҲЗ * \frac{T1 - T2}{T1},$$

ки ин ҷо:

ҲЗ – ҳаққи суғуртавии заминавӣ;

Т1 – миқдори рӯзҳое, ки дар давоми онҳо ҳимояи суғуртавӣ тибқи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) амал мекунад;

Т2 – миқдори рӯзҳои сипаришуда аз лаҳзаи оғози амали ҳимояи суғуртавӣ тибқи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) то санаи ҳисоб (бо дарназардошти) мебошад.

Ин услуб, «Услуби рӯзонаи мутаносиб» ба ҳисоб рафта, тақсимоти мутаносиби руйпуш кардани хавфҳои суғуртавиро аз рӯйи шартномаи суғурта пешбинӣ менамояд.

14. Ҳаққи суғуртавии бадастнаомада аз рӯйи шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ) дар гурӯҳҳои ихтиёрӣ ва ҳатмии суғуртаи тиббӣ ҳамчун фарқияти ҳосили зарби ҳаққи суғуртавии заминавӣ бо таносуби санаи ҳисоби сипаришудаи муҳлати амали ҳимояи суғуртавӣ нисбат ба тамоми амали ҳимояи суғуртавӣ тибқи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) ва ҳаққи суғуртавии заминавӣ,

ки бояд ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи шартҳои шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) баъди санаи ҳисоб пардохта шавад, тавассути формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$ЗҲСБН = ҲЗ * \frac{Т1 - Т2}{Т1} - ҚҲЗ, \quad ҚҲЗ = ҚҲС * \frac{ҲЗ}{ҲС},$$

ки ин ҷо:

ҲЗ – ҳаққи суғуртавии заминавӣ;

Т1 – миқдори рӯзҳое, ки дар давоми онҳо ҳимояи суғуртавӣ тибқи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) амал мекунад;

Т2 – миқдори рӯзҳои сипаришуда аз лаҳзаи оғози амали ҳимояи суғуртавӣ тибқи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) то санаи ҳисоб (аз ҷумла);

ҚҲЗ – қисми ҳаққи суғуртавии заминавӣ, ки бояд ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи шартҳои шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) баъди санаи ҳисоб пардохта шавад;

ҲС –ҳаққи суғуртавӣ тибқи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ);

ҚҲС – қисми ҳаққи суғуртавӣ тибқи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ), ки бояд ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи шартҳои шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) баъди санаи ҳисоб пардохта шавад, мебошад.

15. Маблағи ҳаққи суғуртавии бадастнаомада ҳамаи шартномаҳои гурӯҳи мазкури суғурта (азнавсуғуртакунӣ) захираи ҳаққи суғуртавии бадастнаомада ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) аз рӯйи гурӯҳи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) мебошад. Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) уҳдадоранд феҳристи ҳисобкунии захираҳои суғуртавиро тибқи замимаи Тартиби мазкур пеш баранд.

## §2. Захираи суғуртавӣ аз офатҳои табиӣ

16. Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) уҳдадоранд ҳамасола аз рӯйи мукофотҳои (ҳаққҳои) суғуртавии заминавӣ ба андозаи 3,0 фоиз захираи суғуртавӣ аз офатҳои табиӣ ташаккул диҳанд.

17. Захираи суғуртавӣ аз офатҳои табиӣ барои руйпӯш намудани зарарҳои фавқуллодаи ғайричашмдошти калонҳаҷм, ки зарурияти амалишавии ҷубронҳои суғуртавиро аз руи шумораи зиёди шартномаҳои суғурта тақозо менамояд, истифода карда мешавад.

§3. Захираи зарарҳои бавуҷудомада, вале арзнашуда

18. Ҳисоби захираи зарарҳои бавуҷудомада, вале арзнашуда (минбаъд - ЗЗБАН) аз ҷониби актуарий барои ҳар як гурӯҳи суғурта алоҳида бо дарназардошти омори ҷамънамудаи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба амалигардонии пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ дар гурӯҳи мазкури суғурта, ба истиснои гурӯҳи суғуртаи ипотекӣ, ки оид ба он ЗЗБАН мувофиқи банди 21 Тартиби мазкур ҳисоб карда мешавад, сурат мегирад.

19. Агар ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба амалигардонии пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ дар гурӯҳи мазкури суғурта маълумоти омории худро надошта бошад ё маълумоти ин гуна омор нокифоя бошад (мувофиқи хулосаи актуарий), он гоҳ бузургии ЗЗБАН бояд на камтар аз 50,0 фоизи ЗЗАПН-ро ташкил диҳад. Агар андозаи ЗЗАПН ба сифр баробар бошад, он гоҳ бузургии ЗЗБАН бояд на камтар аз 5,0 фоизи маблағи заминавии ҳаққи суғуртавӣ аз рӯйи шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ) қабл аз санаи ҳисоб дар дувоздаҳ моҳи охир ҳисобшударо ташкил диҳад.

20. Хулосаи актуарий аломатҳои норасогии омори худиро оид ба амалишавии пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавии гурӯҳи суғуртаи мазкур, инчунин ҳисобҳои муфассал ва асоснокии ин қисмро дар бар мегирад.

21. Аз рӯйи гурӯҳи суғуртаи ипотекӣ андозаи ЗЗБАН на камтар аз 60,0 фоизи маблағи заминавии ҳаққи суғуртавиро, ки тибқи шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ) дар дувоздаҳ моҳи охири қабл аз санаи ҳисоб амалӣ гардидааст, ташкил медиҳад.

§4. Захираи зарарҳои арзшуда, вале пардохтнашуда

22. Захираи зарарҳои арзшуда вале пардохтнашуда (минбаъд – ЗЗАПН) аз рӯйи ҳар як даъвои дар санаи ҳисоб арзшуда, вале пардохтнашуда ҳисоб карда мешавад. Даъвои арзшуда бо нишон додани андозаи зарар аз рӯйи ин даъво дар китоби бақайдгирии зарарҳои ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) аз лаҳзаи аз ҷониби суғурташаванда бо ҳар роҳу воситаи ба ӯ дастрас ё бо тартиби

пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар додани ҳодисаи суғуртавӣ , ҳамчун даъвои арзшуда ба қайд гирифта мешавад.

23. Андозаи ЗЗАПН ба бузургии зерин баробар аст:

ЗЗАПН = П + ХП,

ки дар ин ҷо:

П – пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ оид ба даъвоҳои тибқи шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ) арзшуда, ки бояд амалӣ карда шаванд;

ХП – хароҷоти ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), ки бевосита ба баррасӣ, танзим, муайян намудани пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ аз рӯйи даъвоҳои арзшуда алоқаманд бояд амалӣ карда шавад

24. Хароҷоти ташкилоти суғуртавӣ (азанавсуғуртакунӣ) бевосита ба баррасӣ, танзим, муайян намудани андозаи пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ тибқи даъвоҳои арзшуда алоқаманд, ки бояд амалӣ карда шавад, аз ҷониби актуарий дар ҳаҷми хароҷоти воқеӣ дар асоси маълумоти пешниҳоднамудаи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҳисоб карда мешавад. Хароҷоти мазкур ҳамчун захираи зарар ҳисобида намешавад.

25. Дар ҳолате ки агар меъёри пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ муайян набошад, барои ҳисоби ЗЗАПН мувофиқи банди 24 Тартиби мазкур меъёри имконпазири баландтарини пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ, ки мувофиқи иттилооти пешакӣ гирифтаи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба ҳодисаи суғуртавӣ, ки дар ҳар сурат аз маблағи суғуртавӣ зиёд набошад, истифода бурда мешавад.

26. Андозаи ЗЗАПН, ки дар банди 24 Тартиби мазкур нишон дода шудааст, (агар дар шартномаи суғурта чунин ҳолат пешбинӣ шуда бошад) метавонад ба маблағи қарздории суғурташаванда (азнавсуғурташаванда) аз рӯйи пардохти ҳаққи суғуртавӣ дар назди ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар санаи ҳисоб кам карда шавад.

27. Ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) андозаи ЗЗАПН-ро аз лаҳзаи муроҷиат то лаҳзаи амалигардонии пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ оид ба он ё баровардани қарор дар бораи рад намудани пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ аз ҷониби суғуртакунанда ё ба тариқи хаттӣ аз гирифтани пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ даст кашидани суғурташаванда (вобаста аз он, ки кадоме аз ин санаҳо пештар фаро

мерасад) нигоҳ медорад. Ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) уҳдадор аст, ки ЗЗАПН-ро ҳангоми ба амал наомадани ҳолатҳои дар банди мазкур ишорашуда, дар давоми то се сол нигоҳ дорад.

28. Ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо мақсади риоя намудани принсипи эквиваленти молиявӣ метавонад захираи иловагии суғуртавиро ба андозаи 10,0 фоизи ҳаҷми маблағи пардохти (ҷуброни) суғуртавии муайяншударо ташаккул диҳад, дар ҳолате, ки агар раванди пардохту ҷуброни суғуртавӣ аз санаи мурочиат зиёда аз як сол давом ёбад.

### §5. Захираи тадбирҳои пешгирикунанда

29. Захираи тадбирҳои пешгирикунанда (ЗТП) барои маблағгузории тадбирҳо оид ба пешгирии ҳолатҳои нохуш, талафёбӣ ё зарар дидани молу мулки суғурташуда истифода бурда мешавад. Захираи тадбирҳои пешгирикунанда танҳо бо мақсади кам кардани хавфҳои суғуртавӣ ҷиҳати пешгирӣ аз рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ пешбинӣ гардида, барои дигар мақсадҳо истифода бурда намешаванд.

## 5. СОҲАИ «СУҒУРТАИ ҲАЁТ»

30. Ҳисоби захираҳои суғуртавии ташкилоти суғуртавие (азнавсуғуртакуние), ки фаъолияти суғуртавиро дар соҳаи «суғуртаи ҳаёт» амалӣ менамояд, аз ҷониби актуарий алоҳида оид ба ҳар як шартномаи суғуртавӣ (азнавсуғуртавӣ) амалӣ мегардад, ба истиснои шартномаҳои суғуртаи ҳаёт бо иштироки суғурташаванда дар даромади сармоягузории суғуртакунанда, дар мавридҳое, ки ташкилоти суғуртавӣ хавфи фавти суғурташударо пардохт намекунад, инчунин оид ба намудҳои шартномаҳои алоҳида:

1) суғуртаи (азнавсуғуртакунии) ҷамънашавандаи ҳаёт;

2) суғуртаи (азнавсуғуртакунии) ҷамъшавандаи ҳаёт;

3) аннуитете, ки аз рӯйи он муҳлати оғози амалишавии пардохтҳои суғуртавӣ (ҷубронҳои суғуртавӣ) баъди санаи ҳисоб рост меояд;

4) аннуитет, ки аз рӯйи он муҳлати оғози амалишавии пардохтҳои суғуртавӣ (ҷубронҳои суғуртавӣ) то санаи ҳисоб фаро расидааст.

31. Захираҳои суғуртавии ташкилоти суғуртавие (азнавсуғуртакуние), ки фаъолияти суғуртавиро дар соҳаи «суғуртаи ҳаёт» аз рӯйи гурӯҳи суғурта аз ҳодисаҳои нохуш ва гурӯҳи суғурта

ҳангоми беморӣ амалӣ менамояд, аз ҷониби актуарий мувофиқи боби 4 Тартиби мазкур ҳисоб карда мешавад.

### §1. Захираи зарарҳои бавуҷуднаомада аз рӯи шартномаҳои суғуртаи (азнавсуғуртакунии) ҳаёт

32. Захираи зарарҳои аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи (азнавсуғуртакунии) ҳаёт бавуҷуднаомада (минбаъд – ЗЗБН) ҳамчун маблағи захираҳои зарарҳои бавуҷуднаомада аз рӯйи ҳамаи шартномаҳои дар санаи ҳисоб амалкунандаи суғуртаи (азнавсуғуртакунии) ҳаёт ҳисоб карда мешавад.

33. ЗЗБН аз рӯйи шартномаи алоҳидаи суғуртаи (азнавсуғуртакунии) ҳаёт ба нишондиҳандаи ниҳоии ду бузургии зерин баробар аст:

1) ЗЗБН1 = АрзТПС + АрзТХ + АрзТХА - АрзТҲҲС,

ки ин ҷо:

АрзТПС – арзиши тахминии пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавии бо шартномаи суғуртавӣ (азнавсуғуртавӣ) пешбинишуда;

АрзТХ – арзиши тахминии хароҷоти ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), ки бевосита ба баррасӣ, танзим, муайян намудани андозаи пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ алоқаманд аст;

АрзТХА – арзиши тахминии хароҷоти амалиёти ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) вобаста ба пешбурди кор;

АрзТҲҲС – арзиши тахминии ҳаққи суғуртавӣ (ҳангоми пардохти яквақтаи ҳаққи суғуртавӣ), ки бояд ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) баъди санаи ҳисоб гирад;

2) ЗЗБН2 = АрзТПС – АрзТҲҲСХ,

ки ин ҷо:

АрзТПС – арзиши интизории пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавии бо шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) пешбинишуда, танҳо ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ (бе дарназардошти пардохти (ҷуброни) суғуртавии баъди сипарӣ гардидани давраи суғурта амалишаванда, ки шартномаи суғурта муқаррар намудааст;

АрзТҲҲСХ – арзиши интизории ҳаққи суғуртавии холис (ҳангоми пардохти яквақтаи ҳаққи суғуртавии холис), ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бояд баъди санаи ҳисоб барои уҳдадории гирифтааш танҳо оид ба амалигардонии пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ бо рух додани ҳодисаи суғуртавӣ (бе назардошти пардохти

(ҷуброни) суғуртавии баъди сипарӣ шудани давраи муқаррарнамудаи шартномаи суғурта амалишаванда) гирад.

### §2. Захираи зарарҳои бавуҷуднаомада аз рӯйи шартномаҳои аннуитет

34. Захираи зарарҳои бавуҷуднаомада (минбаъд – ЗЗБН) аз рӯйи шартномаҳои аннуитет ҳамчун маблағи захираҳои зарарҳои бавуҷуднаомада аз рӯйи ҳамаи шартномаҳои аннуитети дар санаи ҳисоб амалкунанда ҳисоб карда мешавад.

35. ЗЗБН аз рӯйи шартномаи алоҳидаи аннуитет ба бузургии зерин баробар аст:

ЗЗБН = АрзТПС + АрзТХА – АрзТҲС

ки ин ҷо:

АрзТПС – арзиши тахминии пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавии дар шартномаи аннуитет пешбинишуда;

АрзТХА– арзиши тахминии хароҷоти амалиётии ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) вобаста ба пешбурди кор аз рӯйи шартномаи аннуитет;

АрзТҲС – арзиши интизории ҳаққи суғуртавӣ (ҳангоми пардохти яквақтаи ҳаққи суғуртавии холис), ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бояд баъди санаи ҳисоб гирад. Барои шартномаи аннуитете, ки аз рӯйи он муҳлати оғози амалигардонии пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ то санаи ҳисоб фаро расидааст, АрзТҲС ба сифр баробар аст.

36. Ҳангоми зиёд шудани андозаи пардохтҳои (ҷубронҳои) мунтазами суғуртавӣ аз рӯйи шартномаҳои аннуитет, ЗЗБН дар давраи пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ мувофиқи банди 35 Тартиби мазкур муайян карда мешавад. Ҳисоби  арзиши интизории пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ бо дарназардошти андозаи зиёдкардашудаи пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ амалӣ карда мешавад.

Дар давраи ҷамъшавӣ, бузургиҳои зерин мавқеи нисбатан бештар:

1) арзиши интизории овардашуда аз рӯйи пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ ҷамъи андозаи ЗЗБН, ки мувофиқи банди 35 Тартиби мазкур (бе зиёдшавии андозаи пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ) муайян карда шудааст. Арзиши интизории пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ ба андозаи даромадҳои иловагии шартномаи

аннуитет, ки аз ҷониби актуарий ҳисоб ва тақсимбандӣ шудааст, баробар мебошад;

2) андозаи ЗЗБН, ки мувофиқи банди 35 Тартиби мазкур (бо дарназардошти зиёдшавии андозаи пардохтҳои (ҷуброни) суғуртавӣ аз рӯйи шартномаи аннуитет аз ҳисоби даромадҳои иловагии ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) муайян карда шудааст.

§3. Захираи зарарҳои бавуҷудомада, вале арзнашуда

37. ЗЗБАН аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи (азнавсуғуртакунии) ҷамънашавандаи ҳаёт аз ҷониби актуарий бо дарназардошти омори ҷамъоваринамудаи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) барои амалишавии пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавии ин намуди суғурта ҳисоб карда мешавад.

38. Ҳангоми дар ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) вуҷуд надоштани омори худ оид ба амалигардонии пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ ё вуҷуд доштани маълумоти нопурра оид ба ин омор (мувофиқи хулосаи актуарий, ки мазмуни он ба талаботи банди 20 Тартиби мазкур мувофиқ аст), бузургии ЗЗБАН бояд на камтар аз 50,0 фоизи ЗЗАПН-ро ташкил диҳад. Агар андозаи ЗЗАПН ба сифр баробар бошад, он гоҳ бузургии ЗЗБАН бояд на камтар аз 5,0 фоизи маблағи заминавии ҳаққи суғуртавиро аз рӯйи шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ) дар давоми дувоздаҳ моҳи охир қабл аз санаи ҳисоб ташкил диҳад.

39. ЗЗБАН аз рӯйи шартномаҳои аннуитет, инчунин аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи (азнавсуғуртакунии) захирашавандаи ҳаёт ба сифр баробар аст.

§4. Захираи зарарҳои арзшуда, вале пардохтнашуда

40. ЗЗАПН аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи (азнавсуғуртакунии) ҳаёт оид ба ҳар як даъвои дар санаи ҳисоб арзшудаи пардохтнашуда ҳисоб карда мешавад.

41. ЗЗАПН оид ба шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ) баробар аст ба:

ЗЗАПН = АрзТП+АрзТХ,

ки ин ҷо:

АрзТП – арзиши интизории пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ оид ба даъвоҳои пардохтнашуда;

АрзТХ – арзиши интизории хароҷоти ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), ки бевосита бо баррасӣ, танзим, муайян намудани андозаи пардохтҳои суғуртавӣ алоқаманд аст.

Арзиши интизории хароҷоти ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), ки бевосита бо баррасӣ, танзим, муайян намудани андозаи пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ алоқаманд аст, аз ҷониби актуарий ба андозаи хароҷоти воқеӣ дар асоси маълумоти пешниҳоднамудаи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҳисоб карда мешавад. Арзиши тахминии ин гуна хароҷот бояд на камтар аз 1,0 фоизи маблағи зарарҳои арзшудаи пардохтнашуда, вале дар ҳар ҳолат на камтар аз ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо бошад

42. Бузургии ЗЗАПН, ки дар банди 41 Тартиби мазкур нишон дода шудааст, (агар дар шартномаи суғурта чунин ҳолат пешбинӣ шуда бошад) метавонад ба маблағи қарздории суғурташаванда (азнавсуғурташаванда) дар назди ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар санаи ҳисоб кам карда шавад.

43. Ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мавҷудияти андозаи ташаккулёфтаи ЗЗАПН-ро аз лаҳзаи муроҷиат то лаҳзаи амалигардонии пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ аз рӯйи он ё бароварда шудани қарор дар бораи рад намудани амалигардонии пардохти ҷуброни суғуртавӣ аз ҷониби суғуртакунанда ё ба тариқи хаттӣ аз гирифтани пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ аз рӯйи он даст кашидани суғурташаванда (вобаста аз он, ки кадоме аз ин санаҳо пештар фаро мерасад) нигоҳ медорад.

44. Захираи зарарҳои арзшуда, вале пардохтнашуда аз рӯйи шартномаҳои аннуитет ба сифр баробар аст. Ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) уҳдадор аст, ки ЗЗАПН-ро ҳангоми ба амал наомадани ҳолатҳои дар банди мазкур ишорашуда, дар давоми то се сол нигоҳ дорад.

## 6. ҲИССАИ АЗНАВСУҒУРТАКУНАНДА ДАР ЗАХИРАҲОИ СУҒУРТАВӢ

45. Ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар захираҳои суғуртавӣ алоҳида вобаста аз намудҳои зерини азнавсуғуртакунӣ муайян карда мешавад:

1) азнавсуғуртакунии мутаносиб;

2) азнавсуғуртакунии номутаносиб.

## §1. Соҳаи «суғуртаи умумӣ»

### 1. Азнавсуғуртакунии мутаносиб

46. Ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗҲСБН дар асоси масъулият аз рӯйи шартномаи суғуртае, ки ба азнавсуғуртакунӣ интиқол гардидааст, ё дар асоси андозаи воқеии ҳаққи суғуртавии заминавӣ аз рӯйи шартномаи азнавсуғуртакунӣ мувофиқи бандҳои 12 ва 13 Тартиби мазкур (вобаста аз он, ки кадоме аз бузургиҳо камтар аст) ҳисоб карда мешавад.

47. Ҳаққи суғуртавии заминавӣ аз рӯйи шартномаи азнавсуғуртакунӣ ҳамчун ҳаққи суғуртавӣ аз рӯйи шартномаи азнавсуғуртакунӣ бо тарҳи подошпулӣ барои хизматрасонӣ ҷиҳати бастани шартномаи азнавсуғуртакунӣ ба андозаи на зиёда аз 25,0 фоизи ҳаққи суғуртавӣ ва захираи тадбирҳои пешгирикунӣ ба андозаи на камтар аз 1,0 ва на зиёда аз 3,0 фоизи ҳаққи суғуртавӣ аз рӯйи шартномаи азнавсуғуртакунӣ муайян карда мешавад.

48. Ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗАПН аз рӯйи даъвоҳои арзшуда алоҳида аз рӯйи ҳар як шартномаи суғуртаи ба азнавсуғуртакунӣ интиқолгардида ҳисоб карда шуда, ба ҳосили зарби ҳиссаи масъулият аз рӯйи шартномаи суғурта, ки ба азнавсуғуртакунӣ ба маблағи зарари арзшуда интиқол гардидааст, баробар мебошад. Агар шартномаи суғуртае, ки аз рӯйи он даъво арз шудааст, ба шартҳои шартномаи азнавсуғуртакунӣ мутобиқ набошад, он гоҳ ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗАПН аз рӯйи шартномаи мазкур ба сифр баробар аст.

49. Ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗБАН аз ҷониби актуарий оид ба ҳар як гурӯҳи суғурта, ба истиснои гурӯҳи суғуртаи ипотекӣ, алоҳида дар асоси омори ҷамъшуда оид ба амалигардонии пардохтҳои суғуртавӣ (ҷуброни) суғуртавӣ тибқи шартномаи суғуртаи ба азнавсуғуртакунӣ интиқолгардида дар гурӯҳи мазкур муайян карда мешавад.

50. Дар сурати дар ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) вуҷуд надоштани омори худ оид ба амалигардонии пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ тибқи шартномаҳои суғуртавии ба азнавсуғуртакунӣ дар гурӯҳи мазкури суғурта интиқолгардида ё вуҷуд доштани маълумоти нопурра оид ба ин омор (мувофиқи хулосаи актуарий, ки мазмуни он ба талаботи банди 19 Тартиби мазкур мувофиқ аст), андозаи ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗБАН бояд на зиёда аз 50,0 фоизи ҳиссаи

азнавсуғуртакунандаро дар ЗЗАПН ташкил диҳад. Агар андозаи ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗАПН ба сифр баробар бошад, он гоҳ бузургии ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗБАН бояд на зиёда аз 5,0 фоизи маблағи заминавии ҳаққи суғуртавиро аз рӯйи шартномаҳои азнавсуғуртакунӣ дар муддати дувоздаҳ моҳи охир қабл аз санаи ҳисоб ташкил диҳад.

51. Аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи ипотекии ба азнавсуғуртакунӣ дар гурӯҳи суғуртаи мазкур интиқолгардида, андозаи ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗБАН на камтар аз 60,0 фоизи маблағи заминавии ҳаққи суғуртавиро, ки аз рӯйи шартномаҳои азнавсуғуртакунӣ қабл аз санаи ҳисоб дар муддати дувоздаҳ моҳи охир ҳисоб шудааст, ташкил медиҳад.

2. Азнавсуғуртакунии номутаносиб

52. Андозаи ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗҲСБН мувофиқи бандҳои 12 ва 13 Тартиби мазкур муайян карда мешавад.

53. Ҳаққи суғуртавии заминавӣ аз рӯйи шартномаи азнавсуғуртакунӣ мувофиқи сархати дуюми банди 46 Тартиби мазкур муайян карда шуда, бояд аз ҳаққи суғуртавии заминавӣ аз рӯйи шартномаи суғуртае, ки ба он амали шартномаи азнавсуғуртакунӣ татбиқ мегардад, зиёд набошад.

54. Ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗАПН аз рӯйи даъвоҳои арзшуда аз рӯйи ҳар як шартномаи суғуртаи ба азнавсуғуртакунӣ интиқолгардида ҳисоб карда шуда, ба фарқияти байни маблағи зарари арзшуда ва маблағи нигоҳдоштаи худии ташкилоти суғуртавӣ аз рӯйи шартномаи суғурта (азнавсуғуртакунӣ) баробар аст.

55. Агар шартномаи суғуртае, ки оид ба он даъво арз шудааст, ба шартҳои шартномаи азнавсуғуртакунӣ мутобиқ набошад, он гоҳ ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗАПН аз рӯйи ин шартномаи суғурта ба сифр баробар аст.

56. Ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗБАН аз ҷониби актуарий аз рӯйи ҳар як гурӯҳи суғурта, ба истиснои гурӯҳи суғуртаи ипотекӣ, дар асоси маълумоти омории ҷамъоваришуда оид ба амалишавии пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ тибқи шартномаҳои суғуртаи ба азнавсуғуртакунӣ аз рӯйи гурӯҳи суғуртаи мазкур интиқолёфта алоҳида муайян карда мешавад.

57. Ҳангоми дар ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) вуҷуд надоштани омори худ оид ба амалигардонии (пардохтҳои ҷубронҳои)

суғуртавӣ тибқи шартномаҳои суғуртавии барои азнавсуғуртакунӣ дар гурӯҳи мазкури суғурта интиқолгардида ё вуҷуд доштани маълумоти нопурра оид ба ин омор (мувофиқи хулосаи актуарий, ки мазмуни он ба талаботи банди 20 Тартиби мазкур мувофиқ аст), андозаи ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗБАН бояд на зиёда аз 50,0 фоизи ҳиссаи азнавсуғуртакунандаро дар ЗЗАПН ташкил диҳад. Агар андозаи ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗАПН суғуртакунанда ба сифр баробар бошад, он гоҳ бузургии ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗБАН бояд на зиёда аз 5,0 фоизи маблағи заминавии ҳаққи суғуртавиро аз рӯйи шартномаҳои азнавсугуртакунӣ дар муддати дувоздаҳ моҳи охир қабл аз санаи ҳисоб ташкил диҳад.

58. Аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи ипотекии аз рӯйи гурӯҳи суғуртаи мазкур ба азнавсуғуртакунӣ интиқолгардида андозаи ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗБАН на камтар аз 60,0 фоизи маблағи заминавии мукофоти (ҳаққи) суғуртавии аз рӯйи азнавсуғуртакунӣ қабл аз санаи ҳисоб дар муддати дувоздаҳ моҳи охир ҳисобшударо ташкил медиҳад.

§2. Соҳаи «суғуртаи ҳаёт»

1. Азнавсуғуртакунии мутаносиб

59. Ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар захираҳои суғуртавӣ аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи (азнавсуғуртакунии) ҷамънашавандаи ҳаёт мувофиқи бандҳои 46 - 49 Тартиби мазкур ҳисоб карда мешавад.

60. Ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗБН аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи (азнавсуғуртакунии) ҷамънашавандаи ҳаёт ва шартномаҳои аннуитет дар асоси ҳиссаи масъулият тибқи шартномаи суғуртаи мутобиқи бандҳои 32 - 35 Тартиби мазкур барои азнавсуғуртакунӣ интиқолгардида ё дар асоси андозаи воқеии мукофоти суғуртавии заминавӣ (ҳаққҳои суғуртавӣ) аз рӯйи шартномаи азнавсуғуртакунӣ (вобаста аз он, ки кадоме аз бузургиҳои гирифташуда камтар аст) муайян карда мешавад.

61. Мукофоти суғуртавии заминавӣ (ҳаққҳои суғуртавӣ) аз рӯйи шартномаи азнавсуғуртакунӣ тибқи банди 46 Тартиби мазкур муайян карда мешавад.

62. Ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗБАН аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи (азнавсуғуртакунии) захирашавандаи ҳаёт мувофиқи банди 47 Тартиби мазкур муайян карда мешавад.

2.Азнавсуғуртакунии номутаносиб

63. Ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар захираҳои суғуртавӣ аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи (азнавсуғуртакунии) ҷамънашавандаи ҳаёт мувофиқи бандҳои 52 – 56 Тартиби мазкур ҳисоб карда мешавад.

64. Ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗБН аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи (азнавсуғуртакунии) ҷамъшавандаи ҳаёт ва шартномаҳои аннуитет дар асоси андозаи воқеии ҳаққи суғуртавии заминавӣ аз рӯйи шартномаи азнавсуғуртакунӣ, ки мувофиқи банди 46 Тартиби мазкур муқаррар гардидааст, муайян карда мешавад.

65. Ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗБН аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи (азнавсуғуртакунии) ҳаёт ва шартномаҳои аннуитет бояд аз андозаи ЗЗБН аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи (азнавсуғуртакунии) ҷамъшавандаи ҳаёт ва шартномаҳои аннуитет зиёд набошад.

66. Ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар ЗЗАПН аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи (азнавсуғуртакунии) ҷамъшавандаи ҳаёт мувофиқи банди 53 Тартиби мазкур муайян карда мешавад.

## 7. АНДОЗБАНДИИ ЗАХИРАҲОИ СУҒУРТАВӢ

67. Дар ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) маблағҳои захираҳои суғуртавии тибқи Тартиби мазкур ҳисобкардашуда мувофиқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади андозбандӣ (андоз аз фоида) тарҳ карда мешаванд.

*(ДТ «Хароҷот вобаста ба ташкилдиҳии захираҳои суғуртавӣ»;*

*КТ «Захираҳои суғуртавӣ»).*

68. Ҳангоми ба охир расидани муҳлати амали шартномаҳои суғурта камшавии маблағҳои захираҳои суғуртавии бадастнаомада, ки тибқи банди 67 Тартиби мазкур қаблан тарҳ карда шудаанд, ҳамчун мукофотҳои суғуртавии бадастомада ба ҳисоб рафта, барқарор карда мешаванд.

*(ДТ «Захираҳои суғуртавии бадастнаомада»;*

*КТ «Хароҷот вобаста ба ташкилдиҳии захираҳои суғуртавии бадастнаомада»).*

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

69. Масъалаҳои дар Тартиби мазкур танзимнашуда бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.